**ХУЛОСАИ**
**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи диссертатсионии №_____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 01 июли соли 2025, №87

Барои сазовор донистани Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ дар мавзуи «Таҳаввул ва рушди ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар Тоҷикистон» аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар таърихи 15 апрели соли 2025, суратмаҷлиси № 80 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, № 16/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ 30 июни соли 1989 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2007 ба факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, Донишгоҳи мазкурро соли 2012 аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшинос бо муваффақият хатм намудааст.

Моҳи сентиябри соли 2012 ба ҳайси ассистенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба фаъолияти меҳнатӣ шуруъ намуда, то ин ҷониб дар кафедраи мазкур фаъолият намуда истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, ректори Донишгоҳи милии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

– **Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

– **Қодирзода Мирзоқодир Аюб –** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Дар хулосаи мусбати муассисаи пешбар, ки аз ҷониби ташхисгар Элназаров Давлатшо Ходжаевич доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор - мудири кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳукуқии факултети ҳукукшиносии Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон (ихтисос: 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Кравченко Олга Владимеровна ва котиби ҷаласа муаллими калони фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи (Славянин), Россия ва Тоҷикистон Умедов Қадриддин Минходжидинович, имзо ва аз ҷониби ректори «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон», профессор Файзулло Машраб Курбоналӣ санаи 16 июни соли 2025 тасдиқ шудааст, қайд гардидааст, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

Диссертатсия мустақилона аз ҷониби муаллиф таҳия шуда, мазмуни ягонаи дохилӣ ва мантиқӣ дорад. Навгониҳои таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, таҳлили илмии қонунгузорӣ, пешниҳоди хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ, пешниҳоди маърузаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмии байналмилалию ҷумҳуриявӣ аз саҳми шахсии муаллиф шаҳодат медиҳанд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ оид ба мавзуи диссертатсия 9 интишороти илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст. Интишороти довталаби дараҷаи илмӣ Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи**

**Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-А].** Қурбонов, Ҷ.С. Асосҳои ҳуқуқӣ ва принсипҳои маҳдудсозии ҳуқуқ ва озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон [Матн] / Ҷ.С. Қурбонов // Ҳаётӣ ҳуқуқӣ. – 2022. – №4 (40). – С. 103-114; ISSN 2307-5198.

**[2-А].** Кодиркулов, Х.Р., Курбонов, Дж.С. К вопросу о судебной защите трудовых прав с иностранным участием [Текст] / Х.Р. Кодиркулов, Дж.С. Курбонов // Государствоведение и права человека. – 2022. – №4 (28). – С. 138-150; ISSN 2414 9217.

**[3-А].** Қурбонов, Ҷ.С. Нигоҳе ба вазъи ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоиву иқтисодии инсон дар таърихи қадимаи тоҷикон [Матн] / Ҷ.С. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №3. – С. 245-251; ISSN 2413-5151.

**[4-А].** Қурбонов, Ҷ.С. Баъзе масъалаҳои мубрами кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон [Матн] / Ҷ.С. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №8. – С. 235-241; ISSN 2413-5151.

**[5-А].** Саъдизода, Ҷ., Қурбонов, Ҷ.С. Таҳкими конститутсионии ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодии инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҷ. Саъдизода, Ҷ.С. Қурбонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №9. – С. 199-207; ISSN 2413-5151.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[6-А].** Қурбонов, Ҷ.С. Ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ [Матн] / Ҷ.С. Қурбонов // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз» бахшида ба таҷлили рӯзи қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2022. – С. 232-240.

**[7-А].** Қурбонов, Ҷ.С., Исматзода, И.Б. Баъзе масъалаҳо оид ба ҳуқуқи ашёӣ дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ [Матн] / Ҷ.С. Қурбонов, И.Б. Исматзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон» бахшида ба таҷлили рӯзи ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2023. – С. 610-617.

**[8-А].** Қурбонов, Ҷ.С., Исматзода, И.Б. Амали меъёрҳои коллизионӣ дар танзими муносибатҳои ашёӣ бо унсури хориҷӣ [Матн] / Ҷ.С. Қурбонов, И.Б. Исматзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ» бахшида ба рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ». – Душанбе, 2024. – С. 511-518.

## III. Маводи дигари илмии нашргардида:

[9–М]. Сайвализода Ҷ.С. Тафсири илмӣ-омавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҷ.С. Сайвализода ва гурӯҳи муаллифон – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2024. – 670с.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**– Соиб Зайниддин** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, сармутахассиси раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**– Сафарзода Некрӯз Файзӣ** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**– Шосаидзода Шаҳбоз Шосаид** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**– Алиев Фарух Шарифович** – номзади илмхои хухухшиносй, дотсент, мудири кафедраи хухухи тидоратй ва зиддикоррупсионии Донишгохи давлатии тидорати Тодикистон.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эроду тавсияҳои хусусияти мубоҳисавидошта пешниҳод шудаанд. Асосан, эродҳо масъалаҳои мубоҳисавии диссертатсия, аз ҷумла муаллиф дар таҳқиқот ҳуқуқҳои иктисодиву иҷтимоиро дар якҷоягӣ таҳлил намудааст. Ба андешаи мо барои таҳлили мушаххаси ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ хуб мешуд, ки ба масъалаи мушкилоти таснифоти ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ зербоби алоҳида ҷудо карда мешуд. Зеро Ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ номгуи зиёди ҳуқуқҳоро дар бар мегиранд, ки таснифбандии онҳо муҳим арзёбӣ мегардад. Ҳарчанд, ки дар дохили зербоби якуми боби як масъалаи мазкур ба тариқи умумӣ матраҳ гардида бошад ҳам ба тарзи мушаххас мушкилоти таснифот ва гуногун фаҳмии онро фаро нагирифтааст, ки мазмуни корро коста намегардонанд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо дарназардошти муқарраroти банди 62 Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 70 ва 74 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаҳои гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– **коркард карда шуд:** масъалаи таҳаввули ҳуқуқу озодиҳои иқтисоди ва иҷтимоии инсон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нуқтаи назари илмӣ бори аввал ба шакли маҷмуӣ дар доираи диссертатсияи номзадӣ таҳлилу баррасӣ карда шудааст;

– **пешниҳод шудааст:** даврабандии шаклгирии таҳаввули ҳуқуқу озодиҳои иқтисоди ва иҷтимоӣ, мафҳуми моҳияти ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, хусусиятҳои ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, алоқаи ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст;

– **исбот шудааст:** дар таҳқиқоти илмӣ заминаҳои таърихии ташаккули ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, мафҳуми ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, механизмҳои иловагии таъминкунандаи ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, танзими ҳуқуқии анъанавии ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ исбот шудааст.

– **ҷорӣ намудани:** меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи масъалаҳои вобаста ба ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба» ва дигар санадҳои меъёрии танзимкунандаи самти мазкур, таъмини ҳуқуқии ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ҷорӣ намудани ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар мақомоти ваколатдори давлатии ва ғайра.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:** натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ҷиҳати дарку ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, такмили заминаҳои меъёрии падидаи мазкур, дар он зуҳур мегардад, ки рисола сарчашмаҳои муосири илмии вобаста ба ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоиро мукаммал гардонида, барои инкишофи танзими ҳуқуқии муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоии ҶТ ва рушди таъминоти иқтисодиву иҷтимоӣ аз ҷониби давлат замина фароҳам меоварад. Инчунин, натиҷаҳои он метавонад дар ҳалли як қатор масъалаҳои назариявӣ ва амалии вобаста ба ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ пайдошуда ва дар раванди такмили қонунгузории соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ ба кор бурда шаванд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** ҷанбаҳои консептуалии илмҳои фалсафӣ, назарияи фанҳои ҳуқуқӣ (назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи мадани, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи меҳнатӣ, ҳуқуқи конститутсионӣ), инчунин, дар таҳқиқот усулҳои илмии диалектикӣ, расмӣ-мантиқӣ, таҳлили низомнок, пешгӯии илмӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ самаранок истифода шудаанд.

– **баён шудани** мафҳуми ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, хусусиятҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон дар давраҳои муайяни таърихӣ, таҳлили сарчашмаҳои ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, пешниҳоди таклифҳо ҷиҳати такмили қонунгузорӣ бо дарназардошти натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ, инкишофи муътадили ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар Тоҷикистон;

– **ошкор гардидани** хусусиятҳои асосии таҳаввули ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, алоқаи ҳуқуқии объективии ҳуқуқҳои иқтисодӣ ва робитаи мустаҳкамдошта бо ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, номукаммалии танзими ҳуқуқии амалишавии ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ихтилофот дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

– **омӯхта шуданд:** пайдоиш, шаклгирӣ ва ташаккули ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, мафҳуми ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ва назарияҳо оид ба он, маҳакҳои мансубияти онҳо, табиати ҳуқуқии ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд, эътимоднокии ҳуқуқи амалишавии ҳуқуқҳои иқтисодӣ дар доираи қонунгузории амалкунанда, даврабандии таърихии ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, мафҳуми объектҳои ба молу мулки ғайриманқул баробар эътирофшуда, шарт ва асосҳои маҳдудкуни ва кафолатҳои амалишавии ҳуқуқу иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ҳимояи хуқуқу манфиатҳои инсон аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ;

– **аз нав такмил додани** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиққарда мешаванд, ки:** натиҷаҳои он метавонад дар раванди такмили қонунгузории меҳнатӣ ва қонунгузорӣ дар самти хуқуқу озодиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ва дигар паҳлуҳои хуқуқҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба таври васеъ корбурд шавад.

– **муайян карда шуданд**, ки молу мулки ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ падидаи ҳуқуқи конститутсионӣ буда, дар қонунгузории соҳаҳои дигар, бахусус соҳаҳои хусусӣ бояд муқаррароти қонунгузории меҳнатӣ ба роҳбарӣ гирифта шавад. Инчунин, муайян карда шудааст, ки ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ аҳаммияти назарраси ҳуқуқӣ дошта, барои инкишофи муътадили муносибатҳои ҳуқуқҳои дигари инсон муҳим аст.

– **офарида шуд:** мафҳуми ҳуқуқ ва озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон ва шаҳрванд «ба маънои ҳуқуқӣ доираи муносибатҳоеро ифода мекунанд, ки ба ҳар кас имконият медиҳад қобилият ва моликияти худро барои ҳама гуна

фаъолияти иқтисодие, ки қонун манъ накардааст, танзими муносибатҳои меҳнатӣ, таъмини сатҳи шоистаи зиндагӣ ва истифодаи неъматҳои модию маънавӣ истифода гардидааст».

– **муаррифӣ карда шуд:** Аз нимаи дуюми асри XX фалсафаи нави ҳуқуқи инсон тадриҷан ташаккул меёбад, ки ба идеалҳои сотсиал-демократии адолат, ҳамбастагӣ, ухдадориҳои иҷтимоӣ ва ғайра феҳристи ҳуқуқҳои инсон тавассути дохил кардани ҳуқуқҳои иқтисодиву ичтимоӣ асос ёфтааст. Ин раванди такмил, пеш аз ҳама, ба дигаргуниҳои бузурги ичтимоӣ, ки дар ҷаҳон ба амал омадаанд, афзудани давлатҳои ичтимоӣ, таҳаввули онҳо аз тарҳи сирф либералӣ ба тарҳи либералии ичтимоӣ сарчашма мегирад. Маҳз дар ҳамин давра ин ҳуқуқҳо ба конститутсияҳои бисёр давлатҳои Аврупо (Италия, Македонияи Шимолӣ, Полша, Словакия, Словения, Туркия, Хорватия, Чехия ва Черногория) дохил карда шуданд ва ҳатто ба бобҳо ё бахшҳои махсус ҷудо гардиданд. Масалан, боби IV-и Конститутсияи Албания «Ҳуқуқ ва озодиҳои иқтисодӣ, ичтимоӣ ва фарҳангӣ» унвон гирифтааст.

**– Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо, инчунин, тавсияҳои амалие, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баён шудаанд, ба сарчашмаҳои қонунгузорӣ ва амалияи судӣ ва мақомоти давлатию ҳифзи ҳуқуқ асос ёфта, онҳо дар заминаи маълумоти гуногуни оморӣ, ҷамъбасти амалияи мақомотҳои давлатӣ ва таҳлили маводди илмию меъёрӣ ба даст оварда шудаанд.

– **барои корҳои таҷрибавӣ:** Аз таҳлили моддаи 32 Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки барои кафолати қавитари конститутсионии ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқи инсон ба моликият ва мерос пурра муқаррароти ҳуқуқҳои иқтисодиро амалӣ карда наметавонад. Аз ин лиҳоз бо мақсади кафолати қавитари конститутсионии ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқи инсон ба моликият ва мерос пешниҳод мешавад, ки моддаи 32-и Конститутсияи ҶТ дар таҳрири нав муқаррар кардан муҳим аст.

– **ғоя асоснок шудааст:** дар қонунгузорӣ маҳакҳои мансубияти молу мулк ба манқул ва ғайриманқул истифода карда шавад, зеро маҳакҳои мазкур имкон медиҳанд, ки дилхоҳ молу мулки ба талаботи ин маҳакҳо ҷавобгӯй, ҳамчунин ин ё он объекте, ки дар оянда ба вуҷуд меояд, бе ягон мушкилӣ тавассути маҳакҳои дар қонунгузорӣ муқаррargардида речаи ҳуқуқии он (яъне манқул ё ғайриманқул будани он) муайян карда шавад

**муайян шудаанд:** бо мақсади васеътар кардани механизмҳои ҳифзу ҳимояи ҳуқуқҳои иқтисодиву ичтимоии инсон ва шаҳрванд, ки ба фаъолияти меҳнатии онҳо вобастаанд, пешниҳод карда мешавад, ки дар қисмҳои якум ва дуюми моддаи 16-и ҚҶТ «Дар бораи иттифоқҳои касаба» ҳимоя ва ҳифзи дигар ҳуқуқҳои иқтисодиву ичтимоӣ дар баробари ҳуқуқҳои меҳнатии аъзои

иттифоқҳои касаба низ ба назар гирифта шаванд. Бо ҳамин назардошт, ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақоми ваколатдори давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мебошад.

– **истифода карда шуданд:** Дар таҳқиқот маводди илмӣ, меъёрӣ, амалӣ ва оморӣ ба таври васеъ истифода карда шудааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар ҳолати ташаккулёбии босуръат қарор дорад. Маълумоти оморие, ки мақомомоти бақайдгиранда пешниҳод намудааст, аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар ҳаёти шахсони воқеӣ ва фаъолияти онҳо ба муомилоти молу мулки шахсӣ, ба даст овардан ва амалисозии ҳуқуқҳо нисбати ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии мазкур сол то сол тамоюли зиёдшавӣ дорад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсия, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ оид ба масъалаҳои таҳаввули ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар давраҳои таърихӣ асоснок карда мешавад. Ҳамзамон, масъалагузорӣ ва услуби таҳияи матни диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионӣ аз 01 июли соли 2025 қарор қабул карда шуд, ки ба Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №16/шд тасдиқ гардидааст, 16 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, 16 нафар овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 16 нафар, муқобил - нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Азиззода У.А.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Қодиров Н.А.**

01 июли соли 2025